ҚАРОРИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгохи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба таъин намудани комиссияи экспертӣ барои диссертатсияи Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар вориди маҳсулотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ)

аз 06 октябри соли 2026 № 12/КЭ ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 мутобиқи банди 58 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Зарипов Файзалӣ Абдухолиқович дар мавзуи «Асосҳои институтсионалии сиёсати протексионистии давлат дар вориди маҳсулотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 6D051300 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ (6D051301 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ) барои экспертиза қабул карда шавад;

2. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъсис дода шавад:

- Бобоҷониён Даврон Дадоҷон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
- Сафозода Абдумаҷид Карим, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
- Хоҷаев Парвиз Давронович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;

3. Тибқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муддати на дертар аз 25 рӯз ба шурои диссертатсионӣ хулосаи хаттии худро дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсионӣ дар корҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намояд.

Муовини раиси шурои диссертатсионӣ
д.и.и., дотсент **Рахимов С.Х.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори фалсафа (PhD) **Сайфиддинзода С.С.**